# ТАКРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Ишонова Сабрина Рустамовна дар мавзуи “Технологияи иттилоотӣ ва шакбакаи глобалӣ дар раванди модернизатсиянамоии фазои иҷтимоӣ–фарҳангӣ (дар мисоли системаи маориф ва сиёсти Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ.**

Ҷомеаи Тоҷикистони муосир дар марҳилаи ташаккулёбӣ ва рушди агросаноатӣ қарор дорад. Аз сабаби ба вуҷуд омадани бухрони марбут бо барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи аграрӣ наздик мебошад. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи кишварҳои нисбатан тараккикарда, ба монанди Чин, Ҷопон, Сингапур ва ғайра, ки тавонистанд, бидуни сохтори агросаноатӣ ба марҳилаи ҷомеаи иттилоотӣ гузаранд, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни замон бар асоси менталитет ва ҳувияти худ метавонад пурра аз марҳилаи агросаноатӣ ба ҷомеаи муосири иттилоотӣ, ки мувофиқи стандарти ҷаҳонӣ бошад, гузарад. Барои ин зарур аст, ки дар қатори рушду тараққиёти бошиддати саноатӣ, дар ҳама сохторҳои иҷтимоӣ-фарҳангии Ҷумҳурӣ технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро ворид намуд, чунки қисмати муҳим дар ҷомеаи иттилоотӣ технологияҳои иттилоотии навин ва шабакаҳои хабаррасон мебошанд.

Аз муҳтавои автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки муаллиф тавонистааст, муҳимияти мавзӯи рисолаи диссертатсионро дар асоси усули фалсафӣ-компаративӣ ва дигар усулҳо исбот намояд. Воқеан, таҳқиқ намудани равандҳои трансформатсионӣ, ки дар ҳамаи сохторҳои иҷтимоии ҷаҳони муосир умуман ва қисман дар Тоҷикистон низ инъикоси хешро ёфтааст, таҳқиқу баррасии он муҳиму зарурӣ мебошад. Муайян кардани тамоюлҳои асосии мусбат ва манфӣ, ки дар фазои иҷтимоӣ-фарҳангии муосир таҳти таъсири шабакаи глобалӣ ва технологияҳои телекомуникатсионӣ ба вуҷуд меоянд аз вазифаҳои муҳимтарини муҳаққиқони ҷомеашинос ба ҳисоб меравад. Дар ин самт, диссертатсияи баррасишаванда ба мавзӯи хеле муҳим бахшида шудааст.

Бахши “Тавсифи умумии кор” мувофиқ ба талабот таҳия гардида, мақсаду вазифаҳо, обек ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ мантиқан дуруст муайян карда шудаанд. Гуфтан ҷоиз аст, ки бо ҳамин тариқи муайянгардида муаллиф ба ҳадафи гузоштаи худ расидааст. Навгониҳои пешниҳодшуда воқеан ҳам, эҷоди муаллифи диссертатсия мебошанд, ки аз муҳтавои диссертатсия бароварда шудаанд.

Қисати асосии кор бошад, мувофиқ ба ҳама талаботҳо таҳия карда шудааст. Дар зербоби аввали боби якум “Ҷанбаҳои методологии назарияи иттилоотоии сохторҳои иҷтимоии ҷомеа” назарияи трансформатсияи иттилоотӣ-иҷтимоӣ, назарияҳои ҷомеаии пасосаноатӣ, иттилоотӣ, шабакавӣ, виртуалӣ, назарияи постмодернизм мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар заминаи таҳқиқотҳои мазкур тамоюлҳои гуногун дар рушди фазои муосири иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҷудо ҷудо карда шудааст (саҳ.38), ки дуруст мебошанд.

Дар зербоби дуюми боби аввал “Нақши шабакаи глобалӣ ва технологияҳои коммуникатсионӣ дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ” таъсири шабакаи глобалӣ ва технологияҳои телекоммуникатсионӣ дар пайдоиш ва ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ кушода дода шудааст. Дар ин зербоб низ муаллиф ба мақсади гузоштаи худ ноил гардидааст.

Боби дуюм “Модернизатсияи маориф дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ” аз ду зербоб иборат буда, дар он таъсироти шабакаи глобалӣ ва технологияҳои телекоммуникатсионӣ ба модернизатсияи низоми таҳсилот, алалхусус маълумоти олӣ мавриди таҳлил қарор ёфтааст. Ин ҷо, инчунин дарёфти тарзҳои бартарафсозии омили манфӣ, ки бо шабакаи глобалӣ алоқаманд мебошад, фарз карда мешавад, ки бояд ҳамаи сохторҳои иҷтимоӣ иштирок намояд ва яке аз нақши ҳалкунанда ба низоми маориф дода мешавад.

Дар зербоби аввали боби дуюм “Воридсозии технологияҳои иттилоотӣ ба низоми маориф” таваҷҷӯҳи хоса ба нақши афзалиятноки маориф дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеаи муосир дода мешавад. Қаблан мафҳуми он ки ояндаи дилхоҳ давлат аз он вобастагӣ дорад, ки то кадом андоза низоми маориф ба тарзи самарабахш метавонад иқтидори зеҳниро чун асос барои рушди қобилияти аксарияти шаҳрвандон ва барои таъмини беҳбудии онҳо ташкил карда шавад.

Маорифи Тоҷикистон яке аз сохторҳои иҷтимоии ҷомеаи муосир боқӣ монда, он ба равандҳои навгонӣ (модернизатсионӣ), ки ҷараёнҳои ҷаҳонишавӣ дар ҷаҳони муосир боис гардид, омодагӣ надошт. Аммо давлат тавонист қувваҳои худро бо воридсозии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба маориф онро модернизатсия намояд ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ созад. Маориф шаклҳои навро дар заминаи стандартҳои ҷаҳонӣ, хусусиятҳои миллӣ ва маҳаллӣ ба даст овард қайд менамояд муаллиф. Равандҳои модернизатсионӣ, ки дар тамоми соҳаҳо ва сохторҳои фазои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар заминаи воридсозии технологияҳои телекоммуникатсионӣ ва шабакаи глобалӣ ҷараён дорад, ба гузариш аз низоми маорифи давраи шӯравӣ таъсир расонид, ки ин яке аз асосҳои ташкили ҷомеаи иттилоотӣ гардид.

Аз ҷониби муаллиф таъкид мегардад, ки рушди иттилоотӣ-технологӣ чорчӯбаи нақшагирии иқтисодиро ба самти фарҳанг, маҳз фарҳанги иттилоотӣ ҷудо намуд, ки мавқеи муҳимро дар он шахсияти некахлоқ ва фозилу донишманд ишғол менамояд. Танҳо чунин самти рушди иттилоотӣ-технологӣ шахсиятро ба худшиносӣ ва худсобиткунӣ меоварад, ки дар он пешрафти илмӣ-техникӣ натиҷаи иқтидори эҷодии инсонӣ мегардад. Дар маркази рушди ӯ ҳамавақт бояд ғояи арзиши инсон ва ҳастии инсоният бошад, ин оқибатҳои манфии рушди иттилоотӣ-технологии ҷамъиятро паст менамояд. Ин ҷо бояд танзими мушаххас дар заминаи принсипҳои фарҳанги иттилоотӣ ҷой дошта бошад. Маҳз фарҳанги иттилоотӣ ба шахсият имконияти ҳиссиёти хеш ҳамчун тоҷи фазои иттилоотӣ-технологӣ, на ғуломи онро медиҳад, вай дар он мавқеи хешро дуруст муайян карда, аз вазъиятҳои ногувор дур менамояд, ки метавонад ӯро ба шабакаи глобалӣ кашида, баръакс сатҳи хирад, фарҳанг ва касбиятро баланд бардошта, қаноатмандии маънавиро қабул созад(саҳ.42).

Дар зербоби дуюми боби дуюм “Нақши шабакаи глобалӣ дар раванди модернизатсионии таҳсилоти олӣ” муаллиф раванди модернизатсионии дар сохтори таҳсилоти олӣ ҷараёндоштаро таҳқиқ менамояд. Ӯ ба он таъкид менамояд, ки амалишавии вазифаҳои модернизатсия бевосита аз танзими давлатӣ ҳамчун умумӣ, ҳамчунин таҳсилоти олии касбӣ вобастагӣ дорад. Рушди маориф бо тағйиротҳои шароити иҷтимоӣ-иқтисодии, на танҳо дар давлати мо, балки дар тамоми ҷаҳон алоқамандӣ дорад ва рушди маориф аз паси худ дигаргуниҳои зиёдро дар низоми таълимии анъанавӣ сабаб мегардад.

Боби сеюм “Технологияҳои иттилоотӣ дар модернизатсияи низоми сиёсии ҷомеа” аз ду зербоб иборат аст, ки дар он диссертант лаҳзаҳои асосии таъсири шабакаи глобалӣ ва технологияҳои телекоммуникатсионӣ ба сохтори сиёсии фазои муосири иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар миқёси ҷаҳонӣ ва ҷиҳатҳои манфии онро кушода додааст

Дар зербоби аввали боби сеюм “Модернизатсияи сохторҳои сиёсӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ” муаллиф ба он ишора мекунад, ки дар замони ҳозира инсоният дар марҳилаи нави рушди худ қарор дорад, ки бо гузариш (трансформатсия)-и равандҳои ҷамъиятӣ тавсиф меёбад. Равандҳои трансформатсионӣ аз ду омил вобастагӣ дорад: таъсироти мутақобилаи ҷузъҳои алоҳида дар дохили ҷамъият ва аз таъсироти ҷузвҳои беруна. Таъсироти омилҳои беруна ба таври кифоя пурқувват мебошад, чунки ҳамаи давлатҳо ба таври фаъол барои иштирок дар ҳалли муаммоҳои ҷаҳонӣ (глобалӣ) рақобат ва мубориза мебаранд. Равандҳои модернизатсионӣ, ки дар ҷомеаи тоҷик дар марҳилаи соҳибхтиёрӣ ва мустақилияти давлатӣ ҷараён дорад, қонунӣ ва объективӣ мебошад. Паҳншавии шабакаи глобалӣ ба трансформатсияи институтҳои иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Натиҷаи таъсироти Интернет ба институтҳои сиёсӣ ин виртуализатсияи ҳаёти сиёсӣ мебошад (саҳ.45).

Дар зербоби дуюми боби сеюм “Рушди технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун сатҳи инкишофи фарҳанги иттилоотӣ ва сиёсии ҷомеа” дар заминаи тамоюлҳои таҳқиқшуда дар асоси сохторҳои фазои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикӣ муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки равандҳои гузариш (трансформатсионӣ)-и дар он ҷараёндошта, заминаи қонуниро соҳиб мебошад. Онҳо наметавонанд якбора ба амал оянд, чунки вобастагии онҳо аз бисёр омилҳо маълум мебошад. Дар ин ҷо омили асосӣ ин “фарҳанги коммуникатсионӣ-иттилоотӣ” ба ҳисоб меравад. Дар заминаи фарҳанги мазкур бояд принсипи интихоб, маҳорати интихоби иттилооти зарурӣ истода бошад: “маҳорат ва санъат дар он ифода меёбад, ки 99,99% аз иттилооти нолозима, ки онро ба мо пешкаш менамоянд, худро ҳимоя карда тавонистан ва бешубҳа, бештар ба таври комил истифода намудани аз сад як ҳиссаи он мебошад” (саҳ.47).

Ҷоизи қайд аст, ки баҳамтаъсиррасонии функсияҳои воқеӣ ва виртуалӣ ва сохторҳои иҷтимоии ҷамъият дар заминаи таҳқиқоти нақши шабакаи глобалӣ дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ исбот карда шудааст. Таърифи махсуси мафҳуми “фарҳанги иттилоотӣ”-и ҷомеаи муосир коркард карда шуда, чун дар ҷараёни беохири иттилоот тамоюли арзишӣ дар дарки арзишҳои моддӣ ва маънавӣ, ҳастии инсон ва табиат ва ташкили технологияҳои иттилоотӣ ва

телекоммуникатсионӣ асос ёфтааст, ки дар худ модернизатсияи тамоми фазои иҷтимоӣ-фарҳангиро фаро мегирад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоте, ки диссертант анҷом додааст, арзиши баланди илмиро соҳиб буда, онро ҳамчун таҳқиқоти комил ва анҷомёфта ҳисобидан мумкин аст.

Бо вудуди муваффақиятҳои зикршуда, ба ақидаи мо автореферати диссертатсияи Ишонова С.Р. аз камбудиҳои ҷузъӣ орӣ намебошад:

1. Таҳқиқотҳои олимони ватанӣ камтар ба инобат гирифта шудаанд;
2. Дар диссертатсия ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии таъсири технологияи иттилоотӣ ва шабакаи глобалӣ дар ҷомеаи Тоҷикистони муосир ба таври зарурӣ нишон дода шудааст.

Хулоса, эродҳои баёнгардида ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Ишонова Сабрина Рустамовна кори анҷомёфтаи илмӣ, ҷавобгӯ ба талабот ва барои ҷомеаи муосири Тоҷикистон муҳим буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ мебошад.

Тақриздиҳанда: доктори илмҳои фалсафа,
дотсенти кафедраи таърихи фалсафа
ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ Муминов А.И.

Имзои А.И. Муминовро
тасдиқ мекунам
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.